Ҷадвали мониторинги

ичрои қарорҳои протоколии ҷаласаи ҷаласаи XIX Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 20 феврали соли 2019, (тасдиқ аз 3 марти соли 2019, №1к/22-4)

| № | Мазмуни супоришҳои протоколӣ | Муҳлати иҷро | Ҷараёни иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>- амалишавии Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ барои солҳои 2019-2022"- ро таҳти назорати доимӣ қарор диҳад;<br><br>- бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҷорӣ, мушкилоту монеаҳои мавҷудаи соҳибкорону сармоягузорони дохилию |  | **Зербанди 1**<br>**Иҷро карда шуд.**<br>3 апрели соли 2019 ҷаласаи назди муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон дар арзёбии ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» бо иштироки роҳбарияти аввал ва масъулони вазорату идораҳо доир гардид. Дар ҷаласаи мазкур масъалаҳои татбиқи саривақтӣ ва босифати ислоҳот дар самти содагардонии расмиёти танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ гардида, супоришҳои дахлдор дода шуданд. Протоколи ҷаласа аз 13 апрели соли 2019, № 22/3-143 аз ҷониби муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва ба вазорату идораҳо барои чораандешӣ ирсол карда шуд.<br>Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» - и Бонки Ҷаҳонӣ барои солҳои 2019 – 2022 аз 2 майи соли 2019, №223 тасдиқ карда шуда, таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шуд.<br>28 октябри соли 2019 таҳти роҳбарии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар оид ба муаррифии натиҷаҳои арзёбии ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" барои соли 2020 ва баррасии қадамҳои минбаъдаи ислоҳот баргузор гардид. Протоколи ҷаласа аз 4 декабри соли 2019, №22/3-448 тасдиқ гардида ба вазорату идораҳо барои корбарӣ ирсол карда шудааст.<br><br>**Зербанди 2**<br>**Иҷро шуд ва минбаъд низ идома меёбад.**<br>Маводҳои ҷаласаи фосилавӣ омода ва бо мактуби Кумита аз 24 июли соли 2019, №1-1К/618 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид. |  |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | хориҷӣ баргузории ҷаласаҳои фосилавии (байнисессиявии) Шӯрои машваратиро ба нақша гирифта, вобаста ба баррасии вазъи иҷрои қарорҳои Шӯро тадбирҳои зарурӣ андешад. | | 22 ноябри соли 2019 таҳти раёсати муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлаталӣ Саид ҷаласаи 1-уми фосилавии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид. Тибқи рузномаи ҷаласа дар он ду масъала: таҳким бахшидани фаъолияти шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва масъалаҳои ҷалби сармоягузории мустақим ва фаъолияти сармоягузорони бонуфуз дар ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ супоришҳои дахлдор дода шуданд. Протоколи ҷаласа аз 19 декабри соли 2019, №3/22-23 тасдиқ шуда, ба вазорату идораҳо барои корбарӣ ва чораҷуӣ ирсол гардид. | |
| 2 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:<br>- дар ҳамкорӣ бо коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ба масъалаҳои боз ҳам беҳтар намудани мавқеи Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” ва арзёбии дигар агентиҳои рейтингии ҷаҳонӣ, идомаи ислоҳот дар самти сода гардонидани расмиёти танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамзамон ба тартиби корбарӣ ва ҷалби респондентҳо барои арзёбӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд; | | **Иҷро карда шуд.**<br>Тибқи супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2019, № 24147 (23-8) Дар дафтари Котиботи Шӯрои машваратӣ санаҳои 22 январ, 11 феврал ва 5 марти соли 2019 ҷаласа машваратҳои зергуруҳҳои корӣ оид ба омӯзиши методологияи арзёбии ҳисобот ва дар дафтари намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон санаҳои 23 январ, 12 феврал ва 6 марти соли 2019 видеоконфронсҳо оид ба баррасии ислоҳоти татбиқшуда дар самти соддагардонии расмиёти гирифтани иҷозат барои корҳои сохтмонӣ, дастрасӣ ба қарз, андозбандӣ ва рушди тиҷоратӣ байналмилалӣ, ки ба беҳтар гардидани мавқеи кишвар дар арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ таъсир мерасонад, баргузор карда шуданд.<br>Дар ҳамкорӣ бо Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ руйхати репондентҳои ҳисобот таҷдиди назар гардида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии онҳо маълумоти муфассал оид ба дастовардҳои ислоҳот дар самти соддагардонии расмиёти танзими фаъолияти соҳибкорӣ омода ва ба суроғаҳои электронии онҳо ирсол карда шуд.<br>Бо мақсади омодагӣ ба ташрифи ҳайати коршиносони ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ барои ҷамъоварии маълумот оид ба дастовардҳои ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар кишвар ва баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон дар арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” ба вазорату идораҳои дахлдор мактубҳои расмӣ аз 13 апрел ва 18 апрели соли 2019 ирсол гардиданд. Вазъи омодагӣ ва корҳои дар ин самт анҷомдодашуда дар ҷаласаи Гурӯҳи кории салоҳиятноки байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани мавқеи | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | кишвар дар арзёбиҳои байналмилалии назди Кумита санаи 19 апрели соли 2019 ҷамъбаст карда шуданд.<br>Дар ҳамоҳангӣ бо дафтари Бонки Ҷаҳонӣ ҷадвали мулоқоти коршиносони ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” бо намояндагони масъули вазорату идораҳо ва инчунин бахши хусусӣ омода гардида, Кумита ва Котиботи Шӯрои машваратӣ коршиносони Бонки Ҷаҳониро зимни ташрифи онҳо ба кишвар дар ҳама мулоқот бо намояндагони масъули вазорату идораҳо барои аз наздик шиносоӣ пайдо намудан бо дастовардҳои ислоҳот санаи 22-23 апрели соли 2019 ҳамроҳӣ намуданд. Аз ҷумла як қатор мулоқот дар Кумитаи андоз, Вазорати адлия, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Хадамоти гумрук, Бонки миллӣ, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, Кумитаи идораи замин ва геодезӣ, Суди олии иқтисодӣ ва Раёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе баргузор гардиданд. Дар рафти мулоқот ба коршиносон фаъолияти низоми электронии “Равзанаи ягона” барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва онлайн портали мақомоти андоз оид ба хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон, феҳристи ягонаи давлатии электронии гарави амволи манқули назди Вазорати адлия, системаи автоматии иттилоотии “Истгоҳи ягона”-и Хадамоти гумрук, низоми “Равзанаи ягона” оид ба бақайдгирии моликияти ғайриманқули Кумитаи идораи замин ва геодезӣ, онлайн портали низоми хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва дигар дастовардҳои ислоҳот муаррифӣ гардиданд.<br>Гузориш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба натиҷаи ташрифи коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ба Душанбе вобаста ба ҷамъоварии маълумот оид ба дастовардҳои ислоҳоти имконпазир, муколамаи электронӣ ва омода намудани маълумоти муфассал ба онҳо бо бастаи асосҳои ҳуқуқӣ ва далелӣ бо мактуби Кумита аз 26.06.2019, №1-1К/542 ирсол карда шуд.<br>Тибқи супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июли соли 2019, № 24489 (22.7) тамоми маълумоти дахлдор оид ба дастовардҳои ислоҳоти татбиқшуда бо бастаи асосҳои ҳуқуқӣ ва далелӣ ба коршиносон барои арзёбии мувофиқи мавқеи кишвар расман пешниҳод карда шуд.<br>Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ барои соли 2020 ба 20 зина боло рафта, ҷумҳурӣ дар байни 190 кишвари ҷаҳон ҷои 106-умро соҳиб шуд ва маротибаи чаҳорум ба даҳгонаи кишварҳои пешқадами ислоҳотгари ҷаҳон шомил гардид. Аз | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - якҷо бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи кишварҳое, ки дар рейтингҳои байналмилалӣ мавқеи боло доранд, тадбирҳои зарурӣро амалӣ намоянд; | | ҷумла мавқеи кишвар аз рӯи панҷ нишондиҳандаи зерин беҳтар гардид:<br>➢ бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ ба 24 зина (ҷойи 36-ум);<br>➢ пайвастшавӣ ба шабакаи таъмини қувваи барқ ба 10 зина (ҷойи 163-юм);<br>➢ бақайдгирии моликият ба 14 зина (ҷойи 77-ум);<br>➢ дастрасӣ ба қарз ба 113 зина (ҷойи 11-ум);<br>➢ тиҷорати беруна ба 7 зина (ҷойи 141-ум).<br>Гузориши таҳлилӣ оид ба арзёбии мавқеи кишвар дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" дар соли 2020 бо тавсияву пешниҳод барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои алоҳида ва мавқеи кишвар дар маҷмуъ омода ва ба Сарвазири ҷумҳурӣ аз 4 ноябри соли 2019, №1- 4а/882 пешниҳод гардид. Дар асоси он супориши муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 2019, №24821 (22.7) ба вазорату идораҳои масъул ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва татбиқи Нақшаи чорабиниҳои дар ин самт дода шудааст.<br>**Зербанди 2**<br>**Иҷро шуд.**<br>Дар доираи фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравии салоҳиятноки доимоамалкунанда оид ба баланд бардоштани мавқеи кишвар дар арзёбиҳои байналмилалӣ дар назди Кумита таҷрибаи пешқадами байналмилалии кишварҳои Арманистон, Белорус, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Норвегия, Озарбойҷон, Узбекистон, Эстония ва Федератсияи Руссия оид ба татбиқи ислоҳот дар самти соддагардонии расмиёти танзими фаъолияти соҳибкорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, зимни ҷаласаи назди Муовини якуми Сарвазир санаи 3 апрели соли 2019 муаррифӣ гардид ва супоришҳои дахлдор барои андешидани тадбирҳои фаврӣ ҷиҳати фаъолгардонии ислоҳот ва баланд бардоштани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбии ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» ва дигар арзёбиҳои байналмилалие, ки аз он сарчашма мегиранд, дода шуд.<br>Моҳи майи июни соли 2019 Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бори нахуст дар доираи Барномаи рақобатпазирии Авруосиё бо дастгирии Созмони Аврупоии Ҳамкорӣ ва Рушд дар арзёбии байналмилалии мақомоти пешбурди сармоягузорӣ (OECD Investment Promotion Agencies Survey) иштирок намуд. Мақсад аз иштирок дар арзёбии мазкур қиёс, ошкор ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои минтақаи Авруосиё дар таҳия ва роҳандозии сиёсати ҷалби | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | -якҷо бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо фаъолияти худро дар самти фаъол гардонидани бахши хусусӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва беҳтарсозии фазои соҳибкорию | | сармоягузориҳо, фишангҳои асосии истифодашаванда, таҳлили оморӣ ва арзёбии вазъи мавҷуда дар ин самт мебошад.<br>Ҳамзамон, Кумита якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ дар баробари ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” боз 10 арзёбии байналмилалии рейтингии бонуфузро мавриди омӯзиши қарор дода, мунтазам ҷадвали мониторинги мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин арзёбиҳо омода менамоянд.<br>Дигар муваффақияти назарраси кишвар 23 январи соли 2020 бори дуюм тасдиқ шудани мақоми кишвар оид ба мутобиқат ба стандартҳои умумиҷаҳонии Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истихроҷ мебошад. Рейтинги байналмилалии мазкур риояи талаботи истифодаи стандартҳои идоракунии самараноки захираҳои бойи табиии кишварро бо мақсади таъмини имконияти иштироки баробари ҳамаи ҷонибиҳои манфиатдор дар ин раванд баланд арзёбӣ менамояд, ки барои ҷалби сармояи мустақими ватанӣ ва хориҷӣ хеле муҳим мебошад.<br>Дар баробари ин ба Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам мутобиқ намудани мақоми кишвар ба талаботи стандартҳои мазкур дар ин самт ҷиҳати ташаккули заминаи мушаххаси қонунгузории раванди иҷозатномадиҳӣ, тавсеа бахшидани ифшои иттилоот оид ба фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, хароҷоти иҷтимоӣ ва квазифискалӣ, таъмини шаффофияти қарордодҳо, самараҳо ва натиҷаҳои роҳандозии стандартҳои мазкур тавсияҳо дода шуданд.<br>Санаи 4 апрели соли 2019 дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷаласаи кории байниидоравӣ оид ба баррасӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои арзёбии фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола аз ҷониби Бюрои департаменти давлатии ИМА барои 170 кишвари ҷаҳон гузаронида мешавад, баргузор гардид. Гузориш дар ин мавзуъ бо мактуби расмии Кумита аз 8 апрели 2019, №1-2в/290 ба муовини якуми Сарвазири ҶТ пешниҳод гардидааст.<br>Дар натиҷаи ҳамкории самараноки Бонки миллии Тоҷикистон бо агентии байналмилалии рейтингии "Standard & Poor's" ва “Moody’s” (мактуб аз 29 ноябри соли 2019, №09.2-519/5579) зимни ташрифи таҳлилгарони рӯзҳои 8-10 июли соли 2019 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷа, санаи 19 августи соли 2019 баҳогузории рейтинги кредитии соҳибихтиёрии кишвар аз тарафи Ширкати рейтингии "Standard & Poor's" бе тағйир дар сатҳи “B-/B бо дурнамои рушди устувор” ва аз ҷониби агентии байналмилалии рейтингии “Moody’s” дар сатҳи “B3/манфӣ”муайян гардид. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | сармоягузорӣ тақвият бахшад. | | **Зербанди 3**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Масъалаҳои тақвият бахшидани фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти таҳкими (фаъол гардонидани) бахши хусусӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва беҳтарсозии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ дар ҷаласаи назди муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон оид беҳтар намудани мавқеи кишвар дар арзёбиҳои байналмилалӣ 3 апрели соли 2019 ва ҷаласаи 1-уми фосилавии Шӯрои машваратӣ 22 ноябри соли 2019 баррасӣ гардид *(Маълумоти бештар дар банди 1, зербанди 1 ва 2, инчунин банди 10, зербанди 1)*.<br>Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон (мактуб аз 29 ноябри соли 2019, №09.2-519/5579) ҳаҷми қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт дар моҳҳои январ-октябри соли 2019 маблағи 7,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 24,1 фоиз зиёд мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ раванди болоравии пешниҳоди маблағгузориҳои қарзӣ барои рушди соҳибкорӣ идома ёфта, маблағи 5,3 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,7 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ низ дар ин давра, 19,6 фоиз зиёд гардида, маблағи 3,0 млрд. сомониро ташкил дод, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба 39,7 фоиз баробар гардид.<br>Ҷиҳати татбиқи банди мазкур Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2019, №95 қабул карда шуда, дар доираи он тадбирҳои зерин анҷом дода шуданд:<br>Аз ҷониби Кумитаи андоз (мактуби №19652/9.1 аз 23.12.2019) лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ҷиҳати аз байн бардоштани меъёри 1%-и андоз аз фоида бо мақсади коҳиш додани сарбории андоз таҳия гардида, он бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 02.01.2020, №1676 қабул карда шудааст.<br>Инчунин лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қонунҳо “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” таҳия, аз 02.01.2019, №1680 ва №1681 қабул карда шудаанд, ки ба аз байн бардоштани боҷи давлатӣ барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва коҳиш додани хароҷоти ин | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | расмиёт нигаронида шудааст.<br>Бо мақсади дастгирӣ ва рушди истеҳсолоти ватанӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, №327 "Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод кардани воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ" ва "Номгӯи ашёи хоми дар кишвар истеҳсолшаванда" қабул карда шуд.<br>Тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд" аз 30.11.2019, №605 шахсони воқеии мутобиқ ба номгӯи намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз 1 январи соли 2020 дар мақомоти андоз ройгон ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз пардохти андозҳо озод мегарданд. Ин тадбир барои муайян намудани мақоми ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ, таъмини дастрасии онҳо ба қарзҳои ташкилоти молиявию қарзӣ, МД "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" ба дигар имтиёзҳои молиявӣ ва хусусан бартараф намудани монеаҳои рушди фаъолияти ҳунармандӣ мусоидат менамояд.<br>Аз ҷониби Вазорати молия лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қарори №451 аз 31 августи соли 2012 "Дар бораи номгӯи намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, ки фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба онҳо аз пардохти ҳама андозҳо озод мебошад" оид ба ворид намудани ҳунарҳои пиллапарварӣ, пиллакашӣ, пиллапазӣ ва пилларесӣ таҳия ва ба мувофиқаи вазорату идораҳо пешниҳод гардидааст.<br>Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз (тағйирот ба қисми 2, моддаи 181 Кодекси андоз) таҳия ва аз 19 июли соли 2019, №1644 қабул карда шуд. Тибқи тағйироти мазкур аз 1 январи соли 2019 то 31 декабри соли 2023 андоз аз арзиши иловашуда барои иҷрои корҳои сохтмонӣ бо меъёри 7 фоиз (меъёри пасткардашуда) муқаррар карда шуд.<br>Аз ҷониби Кумита давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонунҳо «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" ва «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" бо назардошти талаботи методологияи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» ва таҷрибаи пешқадами идоракунии корпоративӣ таҳия ва бо мактуби Кумита аз 29 октябри соли 2019, №3-3В/3665 ва №3-3В/3664 барои мувофиқа ба вазорату идораҳо ирсол гардидааст, ки ба тақвият бахшидани ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | равона карда шудааст.<br>Дар доираи фаъолияти Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба содагардонии расмиёти савдо лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумрук оид ба ҷорӣ кардани консепсияи Оператори ваколатдори иқтисодӣ ва (ё) тоҷири соҳибэътимод таҳия ва аз 28 ноябри соли 2019, № 1518 қабул карда шуд, ки ба соддагардони расмиёти тиҷорати беруна мусоидат менамояд.<br>Бо мақсади то 10 фоиз кам кардани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, энергетика, нақлиёт, геология ва сохтмон лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ таҳия гардида, барои баррасии минбаъда ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд.<br>Ҷиҳати аз байн бурдани такроршавии мавзӯъ ва масъалаҳои санҷишии мақомоти санҷишӣ ва дар ин замина кам кардани санҷишҳо лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонун “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” таҳия карда шуд, ки он аз 20 июни соли 2019, №1624 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.<br>Ҷиҳати кам кардани шумораи мақомоти санҷишӣ то 10 фоиз ва коҳиш додани шумораи умумии санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор то 50 фоиз лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонун “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” таҳия ва аз 9 августи соли 2019, №1-4б/661 барои баррасии минбаъда ба Ҳукумат пешниҳод карда шуд.<br>Ҳамзамон, ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, аз 19 сентябри соли 2019, №1-4б/765 ба баррасии Ҳукумат ирсол гардид.<br>Барои баланд бардоштани рақобатнокӣ дар раванди хариди давлатӣ пешбинӣ намудани муқаррарот вобаста ба дастгирии соҳибкории хурду миёна лоиҳаи Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» дар таҳрири нав аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ таҳия карда шуда, тибқи тартиби муқарраргардида аз 13 сентябри соли 2019, №1/2-698 ба баррасии Ҳукумат пешниҳод карда шуд.<br>Ҷиҳати васеъ намудани иштироки субъектҳои соҳибкорӣ дар самти нархгузорӣ лоиҳаи Қонун «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)» 30 сентябри соли 2019 №1-3а/790 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | ба баррасии Ҳукумат пешниҳод карда шуд.<br>Баҳри баланд бардоштани иқтидори саноатӣ ва содиротии кишвар лоиҳаи Қонун «Дар бораи минтақаҳои махсуси саноатӣ» аз ҷониби Кумита таҳия гардидааст, ки тибқи он муқаррарот оид ба бунёди инфрасохтори замонавӣ, воридоти техника ва технологияи нав ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии воридотивазкунанда ва рақобатпазир дар назар дошта шудааст. Лоиҳаи Қонун аз 2 сентябри соли 2019, №1-2е/724 барои баррасӣ ва мувофиқанамоӣ бо вазорату идораҳо ба Ҳукумат пешниҳод карда шуд.<br>Оиннома, сохтори дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии МД «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» дар мувофиқа бо Вазорати адлия таҳия ва бо қарори Раиси Кумита аз 14 феврали соли 2019 тасдиқ карда шуд. Фармоиши Ҳукумати ҷумҳурӣ «Дар бораи чойгир намудани муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» ва воҳидҳои сохтории он дар минтақаҳо» аз 14 ноябри соли 2019, №104-ф қабул гардид. Фаъолияти Муассиса дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Хоруғ ташкил карда шуд.<br>Аз ҷониби Бонки миллӣ лоиҳаи Қонун "Дар бораи суғуртаи ҳатмии масъулияти гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" таҳия гардида, тибқи тартиби муқарраргардида аз 12 июни соли 2019, №19.2-313/2747 ба баррасии Ҳукумат пешниҳод гардид.<br>Инчунин, лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 10 июни соли 1996 №264 "Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт" аз 2 августи соли 2019 №392 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.<br>Ҷиҳати тақвияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои афзалиятнок ва рушди деҳот лоиҳаи Барномаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои солҳои 2020-2022 аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таҳия гардида, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳо такмил дода шуд ва пас аз мувофиқаи ниҳоии вазорату идораҳо ба баррасии Ҳукумат пешниҳод карда мешавад.<br>Бо мақсади расонидани хизматҳои машваратӣ ва зиёд намудани кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд, аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қарори | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62» таҳия гардида, айни ҳол дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад.<br>Ҷиҳати содагардонии расмиёти баррасии парвандаҳои иқтисодӣ аз 02 январи соли 2019, №1650 ба Кодекси мурофиавӣ боби 12[1] мурофиаи Фармонӣ илова карда шудааст ва ин меъёр дар муҳлатҳои кутоҳтарин баррасӣ намудани баҳсҳои алоҳидаи иқтисодиро пешбинӣ менамояд. Бо ин мақсад Суди Олии иқтисоди лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба моддаи 157 Кодекси мурофиавии иқтисодиро таҳия ва баъди мувофиқа бо вазорату идораҳо барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ирсол кардааст. Инчунин дар доираи Гурӯҳи кории байниидоравӣ лоиҳаи Қонун «Дар бораи медиатсия» таҳия ва ба мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда шудааст. | |
| 3 | Вазорати молия:<br>-бо мақсади такмили низоми андозбандиву гумрукӣ ва таъмин намудани самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда қонунгузории амалкунандаро марҳала ба марҳала мукаммал гардонад;<br><br>- якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор фаъолияти худро оид ба муайян намудани тартиби арзёбии самаранокии имтиёзҳои | | **Зербанди 1**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Бо Фармоиши Вазорати молия аз 14 июни соли 2019, №84 гурӯҳи кории байниидоравӣ доир ба гузаронидани таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби пешниҳод ва арзёбии самаранокии имтиёзҳо таъсис дода шуд.<br>Таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузаронида шуда, маълумотномаи таҳлилӣ бо мактуб аз 27 сентябри соли 2019, №3-2/639 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид.<br>Вазорати молия дар доираи фаъолияти гурӯҳи кории доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба омӯзиш, таҳлил ва такмили Кодекси андоз лоиҳаи тағйиру иловаҳоро ба он дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия намуд, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №591 маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.<br><br>**Зербанди 2.**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Лоиҳаи “Тартиби баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ” таҳия ва | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | андозиву гумрукӣ тақвият бахшад;<br><br>- бо мақсади роҳандозии механизми ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба имтиёзҳои соҳавӣ бо дарназардошти зарурати тамдиди мухлати татбиқ ё қатъи мухлати онҳо ва мунтазам пешниҳод намудани ин маълумот ба сохтори дахлдори давлатӣ барои натиҷагирӣ тадбирҳои зарурӣ андешад;<br><br>- лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба такмили низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда, бо дарназардошти пешниҳодҳои дар ҷаласа манзургардида мукаммал намуда, ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намояд; | | тибқи тартиби муқарраргардида аз 21 октябри соли 2019, №3-2/674 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мувофиқанамоӣ бо вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда шуд.<br>Тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2019, №141100 (23-6) лоиҳаи Тартиби мазкур барои таҳлил ва ҷамъбаст ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол гардида, дар асоси хулосаи ҷамъбастии Вазорати рушди иқтисод ва савдо бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019, №171254 (23-6) ба Вазорати молия барои корбарӣ ва пешниҳод ворид шудааст. Лоиҳаи мазкур дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ такмил ва ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад.<br><br>**Зербанди 3.**<br>Вазорати молия бо мактубҳо аз 8 апрели соли 2019, №3-3/277 ва аз 9 июли соли 2019, №3-3/492 вобаста ба пешниҳод намудани маълумоти мушаххас аз рӯи 9 нишондиҳанда барои солҳои 2016-2018 аз қабили намуди имтиёз, асоси ҳуқуқӣ, соҳаи татбиқшавӣ, шумораи субъектҳои хоҷагидории аз имтиёз бархурдоршуда, ҳаҷми ашёи хом ва шумораи техникаву таҷҳизоти воридшуда, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (кор ва хизматрасонӣ), шумораи кормандони доимии соҳаҳо, маблағи озодшуда аз ҳисоби имтиёзҳои барои соҳаҳо пешбинишуда ва ҳиссаи онҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дархост намудааст.<br><br>**Зербанди 4.**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Вазорати молия бо мақсади дар раванди таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ба инобат гирифтани масъалаҳои лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба такмили низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 2019, №3-2/221 гузориш додааст.<br>Дар доираи Гурӯҳи кории байниидоравии назди Вазорати молия оид ба таҳия намудани лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав лоиҳаи консепсияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва аз ҷониби | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - бо мақсади фаъол гардонидани бахши хусусӣ дар соҳаи маориф доир ба ташаккули низоми устувори ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин ҷиҳати тамдиди муҳлати татбиқи низоми соддаркардашуда, яъне пардохти 5 фоизаи андоз аз арзиши иловашуда барои фаъолият дар ин самт чораҷӯӣ намояд. | | Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2020, №141331 (23-6) тасдиқ карда шудааст.<br><br>**Зербанди 5.**<br>**Иҷро шуд**<br>Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз (тағйирот ба қисми 2, моддаи 181 Кодекси андоз) таҳия ва аз 19 июли соли 2019, №1644 қабул карда шуд. Тибқи тағйироти мазкур аз 1 январи соли 2019 то 31 декабри соли 2023 андоз аз арзиши иловашуда барои хизматрасонии таълимӣ бо меъёри 5 фоиз (меъёри пасткардашуда) муқаррар карда шуд. | |
| 4 | Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо Вазорати молия ва вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади рушди соҳаҳои паррандапарварӣ ва моҳипарварӣ, ҷиҳати ба таври таҷрибавӣ аз пардохти тамоми намудҳои андозу боҷи гумрукӣ, ба истиснои андозҳои иҷтимоӣ, озод намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ба онҳо додани имтиёзҳои дахлдор, инчунин доир ба содагардонии расмиётҳо дар ин соҳа чораҳои зарурӣ андешида, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои асоснок манзур намояд. | | **Иҷро шуд**<br><br>Тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумрук таҳия гардида, тибқи тартиби муқарраршуда бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019, №1620 ва №1621 тасдиқ гардидаанд. Тибқи талаботи қонунҳои мазкур имтиёзҳои муқарраргардидаи сархати ҳабдаҳуми қисми 4 моддаи 169, боби 47(1) Кодекси андоз ва банди 18 моддаи 345 Кодекси гумрук, ки ба соҳаи парандапарварӣ татбиқ гардида истодаанд, ба соҳаи моҳипарварӣ низ татбиқ карда мешаванд.<br>Дар ин асос, субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба муҳлати 6 сол аз пардохти андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда), андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин озод шудаанд.<br>Ҳамчунин, тибқи сархати 18 қисми 4 моддаи 169 Кодекси андоз воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошад. Қаблан | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | имтиёзҳои мазкур танҳо ба корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво татбиқ мешуд. Айни ҳол, имтиёзҳои мазкур ба корхонаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ, истеҳсолкунандагони хӯроки омехтаи паранда ва чорво новобаста аз ҳаҷми сармоягузорӣ дастрас гардидаанд.<br>Тавассути ворид намудани илова ба Қонун "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019" аз 8 октябри соли 2019, воридоти чорвои хушзот ва гӯштӣ, инчунин ҳама намуди хӯроки чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумрукӣ аз 1 августи соли 2019 озод карда шуд. | |
| 5 | Вазорати маориф ва илм:<br>- дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо барномаҳои давлатиро дар самти омода намудани омӯзгорони соҳибкасб барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот мукаммал гардонад ва заминаҳои таълимиро таҳким бахшад;<br><br>- барои омода намудани кадрҳои баландихтисос дар самти технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тадбирҳои муассир андешад; | | **Зербанди 1**<br>Вазорати маориф ва илм (мактуб аз 26 декабри соли 2019,№08/4-340) оид ба сатҳи таъмини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сохторҳои он бо технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномаҳои махсусӣ соҳавӣ, андешидани тадбирҳо вобаста ба беҳтар гардонидани дастрасии омӯзгорону донишҷӯён ба техника ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва таҳким бахшидан ба базаи модию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ олӣ ва дигар масъалаҳо маълумот манзур намудааст.<br>Ҷиҳати иҷрои супориши протоколӣ андешидани тадбирҳо, аз ҷумла мукаммал гардонидани барномаҳои давлатӣ дар самти омода намудани омӯзгорони соҳибкасб барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз ҷониби вазорат зарур мебошад.<br><br>**Зербанди 2**<br>Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илм (мактуб аз 26 декабри соли 2019,№08/4-340) бо мақсади омодакунии омӯзгорону мутахассисони соҳа муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мувофиқи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯи ихтисосҳои соҳаи технологияи коммуникатсионӣ, амнияти компютерӣ (усулҳои риёзӣ ва системаҳои барномавӣ), бехатарии иттилоотӣ, идораи захираҳои иттилоотӣ, информатика, информатика ва техникаи ҳисоббарор, информатикаи татбиқӣ, мошинҳои ҳисоббарор, низомҳо ва шабакаҳо, муҳандисӣ-барномавӣ, низом ва технологияи иттилоотӣ, системаи компютерӣ ва интернет технология ва ғайра мутахассисони соҳибкасб омода менамоянд.<br>Дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2016, №4357 дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6 | - лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва илмро бо дарназардошти пешниҳодҳои дар ҷаласа баёнгардида такмил дода, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд. | | Осимӣ 126 нафар омӯзгорон ва мутахассисони раванди таълим курси омӯзиши компютериро гузаштаанд.<br>Омода намудани мутахассисони зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар самти технологияи иттилоотии комуникатсионӣ (ТИК) аз рӯи ихтисосҳои таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ, таъминоти барномавии коркарди маълумоти иқтисодӣ ва иттилоот, шабакаи телекомуникатсионӣ, системаи компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ дар коллеҷҳои информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе, технологии шаҳри Душанбе, муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе, омори шаҳри Ваҳдат, техникии шаҳри Хуҷанд, иқтисодӣ-инноватсионии шаҳри Кӯлоб, техникии ДДТ ба номи академик М. Осимӣ ва технологии шаҳри Конибодом омода карда мешавад.<br>Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии зикргардида ҳар сол зиёда аз 400 нафар таҳсилотро аз рӯи ихтисосҳои информатика, математика-информатика ва самти технологияи иттилоотии комуникатсионӣ (ТИК) хатм менамоянд.<br>Инчунин, оид ба мавҷудияти заминаи моддию техникии соҳаи ТИК дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Хатлон ва Донишкадаи омӯзгорӣ дар ноҳияи Рашт маълумоти оморӣ пешниҳод шудааст.<br>Вобаста ба банди мазкур маҷмуан маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (№9/904 аз 16.04.2019) ворид гардида, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ дар ин робита ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (мактуб аз 28.06.2019,№1-1К/551) маълумот манзур намудааст.<br>**Зербанди 3**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва илм бо мактуби вазорат аз 16 майи соли 2019, № 08/1-181 ва такроран аз 4 сентябри соли 2019, № 3/7.1/2698 барои мувофиқа бо вазорату идораҳо ирсол карда шудааст. Лоиҳа дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад. | |
| 6 | Маркази миллии тестӣ талаботи | | **Иҷро нашуд.** | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | имтиҳоноти тестиро барои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бо дарназардошти шароити таҳсил дар деҳот ва маҳалҳои дурдасти ҷумҳурӣ, таҷдиди назар намояд. | | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ додааст (мактуб аз 13 сентябри соли 2019,№ 1/3/1758), ки тибқи “Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, № 81 тасдиқ шудааст, талаботи имтиҳоноти тестӣ барои ҳамаи довталабон яксон буда, вобаста аз муассисаҳои таълимии деҳоту маҳалҳои дурдаст муқаррар кардани талаботи гуногун пешбинӣ нагардидааст.<br>Дар ин робита муқаррароти банди 62, инчунин қисмҳои 1 ва 2 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ” ҳолатҳои Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015, № 494 тасдиқ шудааст) дарҷ шудааст. Қайд шудааст, ки барои амалӣ намудани супориши дар назди Марказ гузошташуда зарурати ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Тартиби қайдгардида пеш меояд. | |
| 7 | Вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии содирот якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дар доираи гурӯҳи кории алоҳида масъалаҳои ташаккул ва рушди кластерҳоро дар соҳаи агросаноатӣ баррасӣ намуда, тавсияву пешниҳодоти мушаххасро ба ҷаласаи навбатии Шӯро манзур намоянд. | | **Иҷро шуд.**<br><br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба ташаккул ва рушди кластерҳо дар соҳаи агросаноатӣ бо фармоиши Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, аз 18 июни соли 2019, №212 таъсис дода шудааст. Дар ҷаласаҳои гурӯҳи корӣ 12 июл, 19 сентябр ва 7 октябри соли 2019 соли 2019 таҷрибаи давлатҳои Туркия ва Австрия оид ба кластерҳо ва рушди онҳо муаррифӣ гардида, лоиҳаҳои Консепсия оид ба ташкил ва рушди кластери агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи муҳайё намудани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (Global GAP) дар ҷумҳурӣ таҳия гардида, баъд аз мувофиқа бо вазорату идораҳо ба Ҳукумати ҷумҳурӣ манзур гардидаанд.<br>Дар доираи фаъолияти Гурӯҳи корӣ инчунин ҳисоботи таҳлилӣ ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумат оид ба ташкили паркҳо ва ЗАИМН – кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид, ки ба ҷаласаи XX Шӯрои машваратӣ пешниҳод мегарданд. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 8 | Хадамоти алоқа:<br><br>- якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳи корӣ таъсис диҳад ва таҳлили масъалаҳои бехтар намудани фазои сармоягузориро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ омода намуда, ба ҷаласаи навбатии Шӯро бо тавсияҳои мушаххас пешниҳод намояд;<br>- якҷо бо Вазорати маориф ва илм бо мақсади омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва таҷрибанок дар самти барномарезиву ташаккули технологияҳои рақамӣ, таъминоти техникӣ, хизматрасонӣ, инчунин тақвият ва суръат бахшидан ба раванди ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои кишвар ва омода намудани кадрҳо дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешад;<br><br>- бо мақсади фароҳам овардани заминаҳои мусоиди фаъолият дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла муосиргардонии хизматрасониҳои давлатӣ ҷиҳати таъмини сифати баланди шабакаҳои интернетӣ дар ҷумҳурӣ тадбирҳо андешида ба Ҳукумати кишвар ҳар нимсола ҳисобот пешниҳод намояд. | | **Зербанди 1**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br><br>26 июни соли 2019 дар идораи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бехтар намудани фазои сармоягузорӣ бо намояндагони бахши хусусии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ мулоқот баргузор гардид. Иштироккунандагон солҳои пеш дар як марҳилаи муайян фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, дар ин замина табдил ёфтани ҷумҳурии моро ба яке аз давлатҳои пешрафта ва нақши Шӯрои машваратии назди Президент, бахусус ҷаласаи 10-уми онро, ки масъалаҳои соҳа дар он ҳамаҷониба баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул гардида буд, муҳим арзёбӣ намуданд. Зимни баромадҳо иштироккунандагони нишаст оид ба вазъи кунунӣ, мушкилоту монеаҳо, таъмини воқеии ҷанбаҳои бехатарии соҳа, андозбандӣ, танзимнамоӣ, нақши ТИК дар рушди маориф, иқтисодиёти рақамӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт, ташаккули ҳукумати электронӣ, таҳкими инфрасохтори соҳа, имконият ва зарурати ҳалли онҳо мулоҳизаронӣ намуданд.<br><br>Ҷиҳати татбиқи банди мазкур бо фармоиши Сардори Хадамоти алоқа Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба бехтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар назди Хадамоти алоқа аз 23 июли соли 2019, № 2.19-21 таъсис дода шуд.<br>30 июли соли 2019 дар шаҳри Душанбе, бинои Маркази тиҷоратии "Созидание" ҷаласаи якум ва 3 сентябри соли 2019 дар бинои Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи дуюми Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба бехтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ баргузор гардид.<br><br>**Ба зербанди 2, банди 8 маълумот пешниҳод нагардидааст.** | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | | | **Банди 3**<br><br>Бо мақсади фароҳам овардани заминаҳои мусоиди фаъолият дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла муосиргардонии хизматрасониҳои давлатӣ ҷиҳати таъмини сифати баланди шабакаҳои интернетӣ дар ҷумҳурӣ, хатҳои нахию нурии алоқаи магистралии баландсуръат дар миқёси ҷумҳурӣ ташкил карда шуда, то ҳар як маркази ноҳиявии ҷумҳурӣ кашида шуданд. Дар шабакаи дохилиминтақавӣ, чун шабакаи шоҳроҳӣ сохторҳои ҳалқавии сохтмони шабакаҳо бо марказҳои ягонаи идора бо истифода аз таҷҳизоти муосири рақамӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Шабакаҳои маҳаллии марказҳои вилоятӣ чун ҳама принсипҳо, ба мисли шоҳроҳӣ ва дохилиминтақавӣ сохта шудаанд.<br><br>Илова бар он, зарфияти шабакаҳои магистралии нахию нурии ҶСК «Тоҷиктелеком» ба вазоратҳо, кумитаҳо, хадамотҳо ва муассисаҳои давлатӣ, ки шабакаҳои онҳо таҷдиду густаришро тақозо менамоянд, иҷора дода мешавад. То бо ҳол, аксарияти вазорату муассисаҳои давлатӣ ва бонкҳою муассисаҳои тиҷоратӣ бо истифода аз шабакаҳо, VPN-и худро таъсис дода, дар сар то сари кишвар нуқтаҳои худро таҳти як шабака бо ҳам пайваст намудаанд.<br><br>Аз ҷониби зерсохторҳои хадамот каналҳои берунаи дастрасӣ ба шабакаи Интернет мутобиқ ба талаботи истифодабарандагон таъмин карда шудаанд. Бо ин мақсад шабакаи нақлиётии баландсуръат бо истифода аз технологияи DWDM сохта шуда, мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст. Бо истифода аз ин шабакаи нақлиётӣ, каналҳои эҳтиётии дастрасӣ ба шабакаи Интернет низ таъмин карда шудаанд. | |
| 9 | Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳар як шаҳру ноҳия ва маҳаллу деҳот дастрасии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкориро ба хизматрасониҳои босифати давлатӣ таъмин карда, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд. | | **Мавриди иҷро қарор дорад.**<br><br>Бо мақсади соддагардонии расмиёти гирифтани иҷозат барои сохтмон (мактуби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аз 31.12.2019, №3/7-5213) бо қарори Раиси шаҳри Душанбе оид ба тасдиқи Низомномаи Сарраёсати меъмори ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе ва дастурамали мансабии сардори он аз 11 апрели соли 2019, № 212/1 қабул карда шуд. Тибқи қарори мазкур Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе оиннома ва басти вазифаҳои Маркази амалигардонии | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | «Равзанаи ягона, мониторинг ва кадастри шаҳрсозӣ»-и Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе таҳия ва тасдиқ, нархномаи хизматрасониҳои марказ қабул ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе», КВД «Обу корези Душанбе», муассисаи «Шабакаи гармидиҳии шаҳри Душанбе», шабакаи телефонии ҶСК «Тоҷиктелеком» дар шаҳри Душанбе, ҶСК «Душанбегаз» ҷиҳати амалигардонии низоми равзанаи ягона тадбирҳои зарурӣ андеша шуда истодаанд.<br>Маркази мазкур фаъолияти худро аз 15 июли соли 2019 тибқи механизми «Равзанаи ягона» бе ташрифи мақомоти дигар ба роҳ монда, аз 16 декабр тартиби мустақими (онлайни) қабули аризаҳои шаҳрвандонро тавассути таъминоти махсуси барномавӣ ва сомонаи алоҳидаи мақомот оғоз намуд. Дар назар аст, ки механизми ҷоришудаи низоми “Равзанаи ягона”, ки бо дастгирии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ татбиқ мегардад, ба сарфаи 40%-и вақт, 74%-и хароҷоти зарурӣ барои гирифтани иҷозат барои сохтмон ва зиёда аз 700 ҳазор доллари ИМА дар натиҷаи риояи талабот аз ҷониби бахши хусусӣ мусоидат менамояд.<br>Мақомоти масъул қарорҳои дахлдор ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти утоқи кории “Равзанаи ягона дар соҳаи шаҳрсозӣ” аллакай дар 60 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба тасвиб расонида, нақшаи роҳандозии онҳоро таҳия намуда истодаанд.<br>Аз 8 ноябри соли 2019 дар шаҳри Душанбе давраи пилотии Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ оғоз карда шуд.<br>Тибқи мактуби ШСХК «Барқи Тоҷик» аз 27.12.2019, 14-1403/8569-8569 аз 1-уми марти соли 2019 қабули аризаи шаҳрвандон барои пешниҳоди шартҳои техникӣ ҷиҳати пайвастшавӣ ба шабакаи таъмини қувваи барқ тариқи сомонаи «Барқи тоҷик» дар реҷаи онлайн роҳандозӣ шудааст. Аризаи муроҷиаткунанда давоми 10 рӯз бояд баррасӣ карда шавад.<br>Аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» низоми огоҳинамоии муштариёни шаҳри Душанбе оид ба қатъшавии барқ бо сабаби иҷроиши корҳои нақшавии таъмирӣ тавассути сомонаи алоҳидаи ширкат роҳандозӣ гардида, зери назорати доимӣ қарор дорад.<br>Барои муайян кардани меъёри миёнаи шумораи қатъшавиҳои қувваи барқ ба як муштарӣ дар давоми соли тақвимӣ (SAIFI) ва меъёри миёнаи давомнокии қатъшавиҳо ба як муштарӣ дар давоми соли тақвимӣ (SAIDI) аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик», «Қоидаҳои муайян намудани нишондодҳои меъёрии нишондиҳандаҳои эътимоднокии | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | таъминоти барқ» тахия гардида, барои корбарӣ ва роҳандозии тартиби мазкур ба шабакаҳои барқии шаҳрию минтақавӣ дастрас карда шудаанд.<br>Тибқи Фармони Раиси ШСХК «Барқи Тоҷик», №161 аз 25 декабри соли 2019 омода ва пешниҳоди шартҳои техникӣ оид ба пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ аз санаи 1 январи соли 2020 ба ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» вогузор карда шуд, ки барои бо риояи талаботи Равзанаи ягона дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод намудани шартҳои техникӣ замина фароҳам меорад.<br>Дар ҳудуди шаҳри Душанбе амалисозии лоиҳаи «Таҷдиди шабакаҳои тақсимоти барқ ва ҷорӣ намудани назорат ва идоракунии автоматии ҳисоби нерӯи барқ» оғоз гардид, ки татбиқи он ба баланд шудани сифати хизматрасониҳо таъмини қувваи барқ мусоидат хоҳад кард.<br>Санаи 25-уми апрели соли 2019 портали электронии тиҷорати берунаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо ифтитоҳ ёфт, ки дар он тамоми маълумоти зарурӣ оид ба расмиёт, ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои содирот ва воридоти намудҳои муайяни молу хизматрасонӣ бо нишондоди маблағи расмӣ ва вақти зарурӣ барои анҷом додани расмиёт пешниҳод карда мешавад. | |
| 10 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо котиботи Шӯрои машваратӣ:<br>- фаъолияти Шӯроҳои машваратии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияро ҷоннок намуда, вобаста ба дастрас намудани пешниҳодоти бахши хусусӣ, омӯзиш ва бартараф намудани мушкилоту монеаҳо дар фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ тадбирҳо андешад; | | **Зербанди 1**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Вобаста ба масъалаи таъсис ва тақвият бахшидани фаъолияти шӯроҳои машваратии назди раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуб аз 28.06.2019,№1-1К/551 маълумот пешниҳод шудааст.<br>Дар натиҷаи пайгирии масъалаи мазкур, дархости дақиқ ва мушаххаси маълумотҳо оид ба санадҳои қабулгардида ва ҳамкориҳо бо Шӯроҳои машваратии назди раисони вилоятҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2018 - 2019 шумораи умумии Шӯроҳои машваратии рушди соҳибкорию сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ аз 40 то ба 69 адад расонида шудааст. Аз ҷумла:<br>- 3 шӯроҳои вилоятӣ;<br>- 1 шӯрои машваратии водии Рашт;<br>- 65 шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла ш. Душанбе -1, шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон - 25, вилояти Суғд - 18, ВМКБ – 8 ва НТҶ - 13 шӯроҳои машваратии минтақавӣ ташкил | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - мониторинги доимии иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаҳои Шӯроро ба роҳ монда, натиҷаҳои фосилавии онро ҳар нимсола ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намояд. | | дода шудааст.<br>Бо мақсади таҳкими фаъолияти Шӯроҳои машваратии минтақаҳо лоиҳаи Низомномаи намунавии Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳибкорӣ ва сармоягузории назди Раисони вилоятҳо/шаҳрҳо/ноҳияҳо таҳия гардида, баррасӣ ва тасдиқи он тибқи тартиби муқарраргардида дар назар дошта шудааст.<br>То имрӯз як қатор мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Шӯрои машваратии назди раиси вилояти Суғд, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Душанбе, Роғун, Турсунзода, ноҳияҳои Лахш ва Рашт маълумот пешниҳод намудаанд.<br>**Зербанди 2**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Қаблан натиҷаҳои иҷрои Протоколи ҷаласаи XVIII Шӯрои машваратӣ аз 26 январи соли 2018 ҷамъбаст ва бо мактубҳои №1-1К/514 аз 19 июни соли 2018 ва №1-1К/1005 аз 6 декабри соли 2018 (ба супоришҳои Роҳбари ДИП, № 22/10 -76 аз 28.03.2018, №22 -7/10(22/10 -76) аз 16.05.2018, №22 -7/10(22/10 -76) аз 27.08.2018) ва №1-1К/551 аз 28.06.2019 пешниҳод карда шудааст.<br>Инчунин, ҷадвали бандҳои иҷронашудаи 14 ҷаласаҳои қаблии Шӯрои машваратӣ ба ҷаласаи 1-уми фосилавии Шӯрои машваратӣ 22 ноябри соли 2019 манзур гардид. | |
| 11 | Кумитаи рушди сайёҳӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо дар соҳа, аз ҷумла раводиди электронӣ чораҷӯӣ намояд. | | **Мавриди иҷро қарор дорад.**<br><br>Кумитаи рушди сайёҳӣ иттилоъ додааст (№7.1/1-444 аз 08.05.2019), ки айни замон, оид ба раводиди электронии E-visa ролики тарғиботии видеоӣ бо забони англисӣ таҳия гардида, он тариқи шабакаҳои телевизионӣ, сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ таблиғ гардида истодааст.<br>Аз ҷониби Кумита бо мақсади муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии ҷумҳурӣ дар заминаи “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” оид ба таблиғи манзараҳои зебои табиат, аз ҷумла куҳу пиряххо, кулу дарёҳо, фавворахо, манбаъҳои оби шифобахш, ҳайвонҳои нодир, боғу гулгаштҳо роликҳои тарғиботӣ оид ба меваҳои шаҳдбори Тоҷикистон, “Наврӯзи байналмилалӣ”, имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар соҳаи сайёҳӣ, “Бабри барфӣ” ва гусфанди “Марко Поло”, “Сайри гули лола” | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 12 | | | “Душанбе – меҳвари робитаҳои сайёҳӣ” “Роликҳои дорои маълумотҳои тарғиботии имкониятҳои сайёҳӣ” мавзеъҳои алоҳидаи сайёҳӣ ва дигар мавзуъҳои сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ, табобатию солимгардонӣ, сайёҳии дохилӣ, таомҳои миллӣ, сайёҳии таърихию фарҳангӣ, сайёҳии зимистона ва куҳнавардӣ, раводиди электронӣ бо забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ таҳия гашта, дар шабакаҳои телевизионӣ пахш ва дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҷой дода шудаанд.<br>Дар рӯзҳои аввали соли 2019 рӯзномаи бонуфузи байналмилалии «Financial Times» Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба рӯйхати ҳашт кишваре ворид намуд, ки ба хонандагони сершумори худ барои боздид аз Тоҷикистон дар соли 2019 тавсия медиҳад. Тоҷикистон дар ин ҳаштгона мавқеи шашумро ишғол мекунад.<br>Тибқи назарсанҷии сомонаи интернетии сайёҳии «DestinationRecomended.com» Тоҷикистон ба даҳгонаи беҳтарин хатсайрҳо дар минтақаи Осиё дониста шуда, ба ин даҳгона инчунин Озарбойҷон, Ҷопон, Шри ланка, Сингапур, Ҳиндустон, Чин ва Индонезия низ ворид карда шудааст.<br>Тоҷикистон ба рӯйхати кишварҳои амнтарини сайёра шомил гардида, раддабандиро маҷаллаи байналмилалии молиявии англисзабон «Global Finance» таҳия намудааст.<br>Кумитаи рушди сайёҳӣ инчунин, бо мактуб аз 19 июли 2019 №7.1/1-303 иттилоъ додааст, ки тӯли 6 моҳи охир зиёда аз 30 ширкати нави сайёҳӣ ба бозори сайёҳии мамлакат ворид гардида, фаъолияти худро баҳри таҳияи хатсайрҳои нави сайёҳӣ, пешниҳоди он ба муштариён ва ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони хориҷӣ сафарбар намуданд. Бо пешниҳоди Кумита 11 лоиҳаи инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла меҳмонхонаву осоишгоҳҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, роҳи танобӣ ва маҷмааҳои сайёҳӣ бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат аз имтиёзҳо бархурдор гаштаанд. | |
| 12 | Агентии содирот якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва огоҳонидани соҳибкорон аз стандартҳои байналмилалӣ, ташкили марказҳои | | **Мавриди иҷро қарор дорад**<br><br>Дар ин робита маълумотҳои қаблии Агентии содирот иттилоъ додааст (мактуби №30 аз 30 майи с. 2019) ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав (мактуби №5-303, аз 30 апрели соли 2019), бо мактуби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ аз 28.06.2019,№1-1К/551 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шудааст.<br>Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин бо мактуб аз 16 августи соли 2019, №133 иттилоъ додааст, ки бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | логистикиву хариду фурӯши яклухти молҳо лоиҳаҳои сармоягузориро таҳия ва татбиқ намояд. | | содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар ҷиҳати ташкили марказҳои логистикӣ густариши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ Созишнома байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Федератсияи Россия ба имзо расонида шудааст.<br>Айни замон, масъалаҳои вобаста ба ташкили Маркази яклухту тақсимотӣ барои содироти маҳсулоти ватанӣ ҷиҳати дарёфти бозорҳои нави фурӯши маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ тибқи муқаррароти протоколи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мавриди баррасии ҷонибҳо қарор доранд.<br>Ҳамзамон, масъалаи ташкили Маркази яклухту тақсимотӣ барои содироти молу маҳсулот дар Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.<br>Мувофиқаи масъалаҳо ҷиҳати иқдомҳои минбаъда доир ба ташкили Маркази яклухту тақсимотӣ байни вазорату идораҳо идома дорад.<br>Инчунин бо мақсади густариш додани ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба зиёд кардани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ, Созишнома байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии гумруки Федератсияи Россия доир ба ташкил намудани долони содагардонидашудаи гумрукӣ «Долони сабз» таҳия гардида, 17 апрели соли 2019 ба имзо расонида шудааст.<br><br>Аз ҷониби **Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо мақсади муаррифии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи мустақим шиносномаи 55 адад лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 2,3 млрд. доллар таҳия намуда, ба сармоягузорони давлатҳои Русия (аз ҷумла Тотористон) ва Ҷумҳурии Халқии Хитой пешниҳод гардиданд, ки аз онҳо 4 лоиҳа ба маблағи 75,06 млн. доллар марказҳои логистикиву хариду фурӯши яклухти молҳо мебошанд.<br>Ҳамзамон, дар сомонаи Кумита www.investcom.tj лоиҳаҳои мазкур дар шакли маҷала бо забонҳои русӣ ва англисӣ ҷойгир шудаанд. Инчунин, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд миёни намояндагони бахши хусусӣ портали маҳсули электронии B2B (соҳибкор бо соҳибкор) таъсис дода шуда, корҳо дар самти мазкур мунтазам пайгирӣ карда шуда истодааст. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 13 | Роҳбарони шӯроҳои машваратии минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ бо мақсади таҳким бахшидани майдони муколамаи давлат ва бахши хусусӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, дар асоси баррасии масъалаҳои мавҷуда, аз ҷумла монеаҳо ва мушкилиҳои рушди бахши хусусӣ ба котиботи Шӯрои машваратӣ пешниҳодҳои асоснок манзур намоянд. | | **Мавриди иҷро қарор дорад**<br><br>*Дар маҷмӯъ вобаста ба масъалаи мазкур дар банди 10, зербанди 1 маълумот манзур гардидааст.* | |
| 14 | Роҳбарияти ҶДММ "Беҳамто" то 9 сентябри соли 2020 оид ба сохта ва ба истифода корхонаи маҳсулоти ҳасибӣ корҳоро тақвият бахшад. | | **Мавриди иҷро қарор дорад**<br><br>Тибқи маълумоти ҶДММ "Фабрикаи мурғпарварии Беҳамто"- и ноҳияи Ёвон мактуб ба Ҳукумати ҷумҳурӣ (№ 55 аз 10 июни соли 2019) изҳор доштааст, ки мактуби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ аз 12 апрели соли 2019, № 1-2е/211 ба Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба ҳалли масъалаи ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони корхонаи маҳсулоти ҳасибчаҳои парҳезӣ, корхонаи истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда, инчунин сохтмони мурғхонаҳои иловагӣ ва парваришгоҳи мурғ барои тухми зоиш ирсол намудааст. Масъалаҳои мазкур дар баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад.<br>Ҷамъият изҳор доштааст, ки бояд барои корхонаи маҳсулоти ҳасибчаҳои парҳезӣ ва кушторгоҳ барои чор ҳазор сар мурғ дар як соат дар ноҳияи Рӯдакӣ (3 га), сохтмони мурғхонаҳои иловагӣ ва парваришгоҳи мурғ барои тухми зоиш дар ноҳияи Ёвон (8 га) ва корхонаи истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда дар ноҳияи Шаҳринав (4 га) замин ҷудо гардад. Он изҳори нигаронӣ намудааст, ки бинобар тӯл кашидани ҳалли масъалаи мазкур соҳибкорони ҳамсоя барои ҷалб намудани ҳамкорон ва сармоягузорони он гуфтушунид гузаронида истодаанд.<br><br>**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон** иттилоъ додааст (№1/583 аз 8 майи соли 2019), ки бо мақсади рушди соҳаи паррандапарварӣ дар вилоят ҶДММ "Фабрикаи мурғпарварии Беҳамто"- и ноҳияи Ёвон аз Муассисаи давлатии "Фонди | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 17,6 миллион сомонӣ барои таҷдиди фабрикаи парандапарварӣ ва истеҳсоли ҳасибчаҳои мурғӣ қарзи имтиёзнок гирифтааст.<br>Барои ҷудо намудани қитъаи замин ҷиҳати бунёди корхона барои истеҳсоли ҳасибчаҳои мурғӣ дастурҳо дода шуда, кор дар ин самт идома дорад.<br><br>**Вазорати саноат ва технологияҳои нав** иброз доштааст ( мактуб ба Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 8 июли соли 2019, №5-548), ки масъалаи ҷудо кардани замин ба ҶДММ “Фабрикаи мурғпарварии Беҳамто” ҳалли мусбии худро наёфтааст.<br>Аз сабаби норасоии гӯшти истеҳсоли ватанӣ фаъолияти корхонаҳои ҳасиббарорӣ аз гӯшти воридотӣ вобаста буда, ба ҷумҳурӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 27,4 ҳазор тонна (42,8 млн. доллари ИМА) гӯшт ворид карда мешавад.Таъсиси корхонаи мазкур барои таъмини бозори дохилӣ бо гӯшти парҳезӣ ва тақвияти истеҳсолоти воридотивазкунанда мусоидат намуда, ҷудо кардани қитъаи замин мувофиқи мақсад арзёбӣ гардидааст. | |
| 15 | Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:<br><br>- ба Агентии содирот, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ ҷиҳати таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти баланд бардоштани иқтидори содиротии соҳибкорон, ташкили марказҳои логистикиву хариду фурӯши яклухт ва ташаккули арзиши иловагӣ мусоидат намоянд;<br>- дар татбиқ ва таъмини иҷрои босифат ва | | **Зербанди 1**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Вобаста ба ин масъала дар банди 12-и маълумотномаи мазкур маълумот дарҷ гардидааст.<br>**Зербанди 2**<br>**Мавриди иҷро қарор дорад.**<br>Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи “Баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ”, Бонки рушди Осиё дар доираи лоиҳаи “Таъсиси равзанаи ягонаи содирот, воридот ва транзити молҳо”, БРСММ дар доираи лоиҳаи “Мусоидат ба рушди тиҷорат” ба татбиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» - и Бонки Ҷаҳонӣ барои солҳои 2019 – 2022 аз 2 майи соли 2019, №223 мусоидат карда истодаанд. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | сариваќтии бандҳои наќшаи чорабиниҳои ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" ва дар омузиши таҷрибаи ҷаҳонӣ вобаста ба раддабандиҳои байналмилалӣ ба вазорату идораҳои дахлдор мусоидат намоянд. | | | |